**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-109-и назди ИИЭД АМИТ воқеъ дар суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А.**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода М.А. дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ).**

Оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқоти илмӣ ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки масоили таъмини амнияти иқтисодӣ тавассути ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва коҳиши нобаробарӣ, алалхусус дар шароити муосири рушди ҷомеа, аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунанд. Мавзуи таҳқиқоти Ҳакимзода М.А. ба яке аз ҷанбаҳои муҳим, яъне нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар низоми амнияти иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар заминаи «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040», ки бо ташаббуси Пешвои миллат қабул гардидааст, омӯзиши имкониятҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои ҳалли мушкилоти гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, хеле саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Чуноне аз автореферат хулоса карда мешавад, муаллиф бори нахуст низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ҳамчун унсури таркибии таҳкими амнияти иқтисодии кишвар асоснок карда, консепсияи мавҷударо васеъ намудааст. Аз ҷумла, маҷмуи тадбирҳои институтсионалӣ ва молиявию андозӣ барои дастгирии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пешниҳод шуда, шаклҳои муассири ташкилию иқтисодии чунин ташкилотҳо дар самти иқтисодиёти сабз ва фарогирии гендерӣ муайян гардидаанд. Илова бар ин, дар саҳифаи 26-и автореферат (ҷадвали 13) муаллиф нишондиҳандаҳои маҷмуии иҷтимоии амнияти иқтисодиро пешниҳод намуда, бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо ва параметрҳои арзёбии онҳоро таҳия кардааст. Муаллиф асоснок менамояд, ки татбиқи

самараноки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ метавонад заминаи ноилшавӣ ба ин нишондиҳандаҳо ва таъмини сатҳи устувори амнияти иҷтимоию иқтисодиро фароҳам оварад.

Аз дастовардҳои илмии муаллиф таҳия ва пешниҳоди равишҳои методии ислоҳоти низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои осебпазири иқтисод таҳия шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти анҷомшуда дар таҳияи равишҳои нави консептуалӣ оид ба «вазни иқтисодӣ»-и бахши гайритиҷоратӣ ва таъсири он ба суботи иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Аҳамияти амалии он бошад, дар имкони истифодаи тавсияҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии маблағгузории мақсаднок ифода меёбад. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти ӯро дар раванди таълими фанҳои «Амнияти иқтисодӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», зимни таҳияи курси лексияҳо истифода бурдан мумкин аст.

Автореферат ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари ин, чунин мулоҳиза пешниҳод мегардад: «Чуноне дида мешавад, таҳқиқот дар нуқтаи ҳамбастагии чанд самти илмӣ, яъне мултидистсиплинарӣ иҷро гардидааст ва ин, яке аз тамоюлҳои возеҳи илми иқтисодиёт дар замон муосир мебошад. Барои ҳамин, таъсири фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба нишондиҳандаҳои рушди шуғлнокии аҳолӣ, ҷалби занон ва маъюбон ба фазои иқтисодӣ бояд мушаххас зикр мегардид».

Вале ин эроди ҷузъӣ ва осонислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимату арзиши илмии таҳқиқоти анҷомшударо коҳиш намедиҳад.

Аз ин рӯ, натиҷаҳои арзёбии илмӣ ва таҳлили муҳтавои авторефератро ба инобат гирифта, метавон хулоса намуд, ки автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои гайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 –

Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст, аз лиҳози сохторӣ, мазмуни илмӣ, сатҳи асоснокии хулосаҳо ва аҳаммияти назариявию амалӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, бо дарназардошти маҷмуи натиҷаҳои бадастомада, сатҳи коркарди назариявию методологӣ ва асоснокии хулосаҳои пешниҳодгардида, муаллифи таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи низоми аттестатсионии давлатӣ ҷавобгӯ буда, Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**кафедраи иқтисодиёти**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Ақилҷонов Ф.Ш.**

**«____» ___________ 2026 с.**

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ақилҷонов Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва назорат** **Абдуназаров А.Ҷ.**

**«____» ___________ 2026 с.**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 63/3.**
**Тел.: +992(37) 234-79-87**
**E-mail: rektorat-favri-tut@mail.ru**